«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_________________ Раҳмон Д.С.
«___»___________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи муштараки кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад таҳти унвони «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

Ёрматзода А.Ҷ. санаи таваллудаш 20.02.1992, хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг, аз рӯйи ихтисоси педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ (2010–2015) мебошад.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз кардааст. Айни замон, дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои донишгоҳи мазкур ба ҳайси саромӯзгор фаъолият намуда истодааст.

Бояд ёдовар шуд, ки диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад дар мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот санаи 23-юми сентябри соли 2022 дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳимоя гардида буд.

Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №49/дн додани дараҷаи илмӣ ба ӯ рад карда шуда буд.

Вобаста ба ин, Ёрматзода А.Ҷ. мавзуи илмиро бознигарӣ карда

бо қарори Шурои олимони донишгоҳ аз 31.05.2023, №10/4-19 дар мазуъ тағйирот ворид намуда, онро бо унвони «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» тасдиқ намуд. Ҳамзамон, роҳбари илмии ӯ Иброҳимов Г. Бинобар сабаби беморӣ аз роҳбарӣ аз роҳбарӣ даст кашида, роҳбарии ӯро Иззатова Муҳаббат Иноятовна-доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ӯҳда гирифт.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бо баҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм – “5” (аъло) – 05.03.2018.
- Забони хориҷӣ (англисӣ) – “4” (хуб) – 03.02.2021.
- Ихтисос: 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. “5” (аъло) – 30.05.2024.

Ҷаласаи муштараки кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Динишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дисертатсияи Ёрматзода А.Ҷ.-ро таҳти унвони «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо иштироки муқарризон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бозоров Х. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шералиева С.М. баррасӣ ва муҳокима намуд.

Сараввал номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назаров Ҳ.С. баромад намуда, мавзуи таҳқиқотро барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ намуд.

Рисолаи мавриди назар аввалин таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати омӯзиши ҷиддӣ ва мукаммали технологияҳои муосир педагогӣ доир ба ҳамкории иҷтимоии оила ва муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Муаллифи рисола дар доираи ду боб ва фаслу зербобҳои алоҳидаи он мавзуи интихобшударо аз ҷиҳати илмӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст. Дар бобҳои алоҳида муҳаққиқ оид ба заминаҳои назариявӣ ва методологии тарбияи худшиносӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон андешаронӣ намуда, мавқеи илмии худро муайян намудааст.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бозоров Х. дар баромади хеш нисбат ба диссертатсияи Ёрматзода А.Ҷ. иброз дошт, ки мавзуъ хеле саривақтӣ интихоб шуда мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ таҳия гардидааст.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шералиева С. низ зимни

баромади худ кори илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯ Ёрматзода А.Ҷ. -ро мусбат арзёбӣ намуд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг Бозоров Х. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шералиева С. нисбат ба муҳиммияти илмии диссертатсияи Ёрматзода А.Ҷ. ба чунин хулоса омад, ки диссертатсия ба мавзуи хеле муҳимми илми педагогика бахшида шудааст.

**Мақсади таҳқиқот:** муайян намудани асосҳои назариявии тарбияи худшиносӣ дар афкори педагогии халқи тоҷик ва коркарди дар амал санҷидани самарабахшии технологияи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти минаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон.

**Объекти таҳқиқот:** раванди тарбияи худшиносӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот**: технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар ташаккули худшиносии хонандагон.

**Ҳадафи таҳқиқот:** муайян намудани асосҳои назариявии тарбияи худшиносӣ дар афкори педагогии халқи тоҷик ва коркарди дар амал санҷидани самарабахшии технологияи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон.

Дар асоси технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила, тарбияи худшиносии хонандагон дар муҳити муассисаҳои таълимӣ ва оила сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, унвонҷӯ ба масъалаҳои зерини технологияи педагогии ҳамкорӣ аҳаммияти махсус додааст:

1. Асосҳои методологии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила дар асоси субъектҳои таъсиррасон, аз қабили мазмуни ҳамкорӣ, воситаҳои ҳамкорӣ, шакл ва методҳои ҳамкории педагогӣ.
2. Ҳамкории мутақобилаи педагогӣ ва субъекти раванди таълим дар кори якҷояи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила, ки ба ташаккули донишҳои худшиносии хонандагон нигаронида шудааст.
3. Баланд бардоштани фарҳанги психологӣ-педагогӣ ва заминаи худшиносии падару модарон тавассути ташкили семинарҳо, маърӯзаҳо оид ба тарбияи худшиносӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон аз тариқи дарсҳои тарбиявии намунавӣ бахшида ба мавзуъҳои худшиносӣ, ҳамчунин, ворид намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба раванди худтарбиякунӣ, худрушдиҳӣ, худтакмилдиҳии худшиносӣ ва ғайра.
4. Муаррифии анъана ва расму оинҳои мардумӣ ва таҷрибаи тарбияи худшиносӣ дар муҳити педагогии оила зери таъсири ахбори умум (телевизион, радио, нашрияҳои педагогии даврӣ ва ғайра),

мубоҳисаҳо, мубодилаи афкор оид ба тарбияи худшиносӣ ҳамчун шакли баланд бардоштани фарҳанги худшиносии падару модарон, ташкили тренингҳои омӯзишӣ барои падару модарон оид ба азхудкунии технологияи ҳамкории педагогӣ бо МТМУ дар тарбияи худшиносӣ.

5. Шаклҳои ғайрианъанавии ҳамкории (рӯзномаю маҷалаҳои электронӣ, дарсҳо тавассути ролик ва тахтаҳои электронӣ, телефон ва ғайра) педагогии оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон ва тарбияи ҳисси худшиносӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:** навгонии илмии таҳқиқот аз нуктаҳои зерин бармеояд:

1.Бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ масъалаи тарбияи худшиносии хонандагон дар ҳошияи ҳамкории муассисаи таҳсилоти таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

2.Андешаҳои консептуалӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагон бо истифодаи андешаҳои мутафаккирони адабиёти тоҷику форс вобаста ба талаботи пешрафти ҷомеаи муосир таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

3.Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагогни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил ва технологияи амалигардонии он бо таври озмоишӣ таҳқиқу баррасӣ карда шудааст.

4. Дар заминаи таҳлили таҷрибаи омӯзгорону оила ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ озмоишӣ технологияи педагогии фаъолияти якҷояи мактабу оила дар тарбияи худшиносии хонандагон коркард ва амалӣ гардида, самарабахшии он исбот шудааст.

5. Дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мазмуни фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон муайян ва тавсияҳои методӣ барои самарабахшии ин раванд коркард гардидааст.

Нуқтаҳои алоҳида ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 1 монография, 2 дастури илмӣ-методӣ ва 30 мақолаю гузориши илмӣ, ки 12 адади онҳоро мақолаҳои дар маҷмуаю маҷаллаҳои илмии тавассути Муассисаи давлатии «Комисияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ташкил дода ва 12 адади он конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва конфронсҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ инъикос ёфтаанд ва боқимода дар нашрияҳои илмии дигар ба табъ расида, ифода ёфтаанд. Номгӯйи мақолаҳои нашршуда ва дигар таълифоти нашрӣ оид ба мавзуъ дар фишурдаи рисолаи илмӣ низ оварда шудаанд:

**Нашри таълифоти илмӣ дар доираи мавзуи диссертатсия:**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Таъсиррасонии дастаҷамъона дар тарбияи хештаншиносии наврасону ҷавонон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074-1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №3/7 қисми 1. – Душанбе, 2017.–С. 279–281.

[2-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар раванди тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2018.–С. 291–294.

[3-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Таъсиррасонии тарбиявии коллективҳои педагогии мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули хештаншиносии хонандагон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №9.– Душанбе, 2018. – С. 207 – 212.

[4-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2019. – С. 274 – 280.

[5-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар тарбияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносии наврасону ҷавонон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №8.– Душанбе, 2019. – С. 247 – 252.

[6-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Содействие самосазнания и самопознания молодого поколения [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2578–618X) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №11(39).– Душанбе, 2020. – С. 59 – 67.

[7-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Заминаҳои асосии омода намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар руҳияи хештаншиносӣ тавассутиомӯзиши осори мутафаккирон [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов, Мирзоев А.Р. // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №8.– Душанбе, 2021. – С. 287 – 294.

[8-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Тавсифи асосии мафҳуми хештаншиносӣ ҳамчун падидаи адабӣ, фарҳангӣ ва педагогӣ [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов, Г. Иброҳимов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №10.– Душанбе, 2021. – С. 284 – 289.

[9-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши омӯзгорон ва хонандагон дар муҳайё намудани шароити асосии тарбияи худшиносии мактабиён [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2022. – С. 278 – 285.

[10-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Ташаккулёбии муносибати байнишахсии хонандагон дар коллектив тавассути тарбияи иҷтимоӣ [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов, Қ.С. Оқилова // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №3.– Душанбе, 2022. – С. 255 – 261.

[11-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Андеша ва хулосаҳо дар бораи худшиносии хонандагон [Матн]/А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2074-1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №1, 2024. - С. 265-273.

[12-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Омилҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараѐни таълим ва корҳои беруназсинфӣ [Матн]/А.Ҷ. Ёрматов // (ISSN 2616-5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб баноми Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, №1 (34) 2024, – С. 265-273.

**б) Мақолаҳо ва фишурдаи мақолаҳое, ки дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба чоп расидаанд:**

[13-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Бархе аз ҷашнҳои миллии тоҷикон дар тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба солҳои 2020 – 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (23-25 апрели) Кӯлоб, 2019 С.322 – 325.

[14-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Омоданамудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар руҳияи хештаншиносӣ [Матн] / А.Ҷ. Ёрматов, Ҷӯраев Б. // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Ауабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 30 –солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кӯлоб, 2020 С.354 – 358.

[15-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Масъалаи инкишофи ҳаматарафаи шахсият ва омилҳои асосии тараққиёти он [Матн] А.Ҷ. Ёрматов, С.А. Сайдалиева // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Аӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 30 –солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кӯлоб, 2020. С.365 – 367.

[16-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар раванди тарбияи хештан шиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] А.Ҷ. Ёрматов // Маводи конференсия бахшида ба солҳои 2019 – 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ» Кӯлоб «Промэкспо» 2019. С.186 – 189.

[17-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Таъсиррасонии тарбиявӣи колективҳои педагогии мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] А.Ҷ. Ёрматов // Маводи конференсия бахшида ба солҳои 2019 – 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ» Кӯлоб «Промэкспо» 2019 С. 233-236.

[18-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақш, мақом ва уҳдадориҳои омӯзгор дар таълиму тарбияи шогирдон дар замони муосир [Матн] //А.Ҷ. Ёрматов Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи “Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир” бахшида ба 80

солагии н.и.п., дотсент Иброҳимов Гурез. Кӯлоб “Нушбод” 2022, С. 182 – 186.

[19-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Ташаккули омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ [Матн] //А.Ҷ. Ёрматов маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ назариявӣ дар мавзуи «Талаботи замони муосир ба қобилиятҳои педагогӣ-психологии омӯзгор»-ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, Кӯлоб -29.04. 2023,саҳ.87-89,2023

[20-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Моҳият ва муҳтавои инкишоф, ташаккул ва тафаккури фаъолияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] //А.Ҷ. Ёрматов Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023.(11-14 апрели соли 2023), саҳ.310-312,2023

[21-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Нақши Пешвои миллат дар рушду нумуи соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] //А.Ҷ. Ёрматов Маводи конференсияи Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат дар рушду нумуи илмҳои табиию-риёзӣ». (15.12.2023). ДДК.2023

[22-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Гузариш аз низоми анъанавӣ ба муносибати босалоҳият ба таълим ва тафовутибайни онҳо [Матн] //А.Ҷ. Ёрматов Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Муносибати босалоҳият асоси арзёбии раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ» ДДК 5.06.2024

[23-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Афзалият ва бартарияти муносибати босалоҳият ба таълим ва нисбат ба низоми таълими анъанавӣ [Матн] //А.Ҷ. Ёрматов Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Муносибати босалоҳият асоси арзёбии раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ» ДДК 5.06.2024

[24-М]. *Ёрматов А.Ҷ.* Салоҳият ва салоҳиятнокӣ усули қадам ба қадам рушд додани самаранокии раванди таълим [Матн] //А.Ҷ. Ёрматов Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Муносибати босалоҳият асоси арзёбии раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ» ДДК 5.06.2024

Ҷаласаи муштараки кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо муҳокимаи диссертатсия **ба чунин хулоса омад:**

Диссертатсияи унвонҷӯ Ёрматзода Алишер Ҷолмад мавзуи нав буда, технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оиларо фаро мегирад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмили назарияи илмии фалсафа, психология ва педагогика оид ба тарбияи худшиносӣ ифода ёфта, нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Андешаю ғояҳои мутафаккирони адабиёти тоҷику форс ҳамчун асоси методологии таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ дар педагогикаи

муосир, махсусан, тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил карда шуд.

2. Исбот карда шуд, ки тарбияи худшиносии хонандагон раванди педагогии ягонаи таъсиррасони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оиларо талаб менамояд ва иҷрои ин вазифа дар асоси технологияи педагогии ҳамкории ин ду ниҳоди иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

3. Аниқ карда шуд, ки раванди тарбияи худшиносии хонандагон раванди мураккаб буда, низоми ҳамкории доимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ва оиларо талаб намуда, дар он фаъолияти таълимӣ ва беруназдарсӣ ҳангоми ташкилу баргузории корҳои беруназсинфӣ амалӣ карда мешавад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот**. Волидону омӯзгорон дар фаъолияти худ аз технологияи ҳамкории МТМУ ва оила, ки онро муҳаққиқ таҳия ва амалӣ гардонидааст, ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагон ба таври эҷодӣ дар раванди таълим ва фаъолияти беруназсинфии хонандагон истифода бурда, таҷриба ва фарҳангу маърифатии тарбиявии хешро қавӣ мегардонданд. Он, инчунин, дар тарбия ва ташаккули ҳисси хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ки аз талабати Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандустии шаҳрвандон» (2022) бармеояд, мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҳангоми таълими фанҳои «Педагогика», «Технологияи педагогӣ», «Таърихи педагогикаи халқи тоҷик» ва дигар фанҳои тахассусӣ дар колеҷ ва донишгоҳҳои омӯзгорӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, иҷрои корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, магистрӣ, ташвиқу тарғиби донишҳои педагогӣ ва баланд бардоштани фарҳанги тарбиявии волидон истифода бурдан мумкин аст.

Баррасии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, муҳокимаю далелсанҷиҳо, асосноккунии назария ва андешаҳои баёншуда аз саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Аҳаммияти илмии диссертатсияро сохтори он ва хулосаҳои ҳар як боб муайян мекунанд. Дастовардхои илмии таҳқиқот дар ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила мусоидат карда метавонад.

Мазмун ва муҳтавои автореферат нуктаҳои асосии диссертатсия ва натиҷаю хулосаҳои онро инъикос карда, пурра бо худи таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат мекунад.

Нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои кори илмии муҳаққиқ дар маҷаллаҳое нашр шудаанд, ки ба номгӯйи маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз ҷониби Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда шомиланд.

Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб бо ягонагии дохилии диссертатсия ба тасвиб расида, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ

шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ таҳлилу таҳқиқи технологияҳои муосири педагогӣ метавонанд ба рушди назария ва амалияи масъалаҳои педагогӣ мусоидат намоянд.

Нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ тавассути технологияҳои гуногун таҳия шуда, асоснок гардидаанд ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсиониро дар маҷмуъ мавриди баррасию арзёбӣ қарор дода, бояд таъкид кард, ки он кори илмии пурра ба анҷомрасида буда, шахсан аз ҷониби муаллиф иҷро гаштааст, проблема (масъала)-и муайян - «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» ҳаллу фасл гаштааст.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ аст.

Ҷаласаи муштараки кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг диссертатсияи Ёрматзода А.Ҷ.-ро кори илмии ба анҷомрасидаи муҳимму мубраме меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Аз натиҷаи баррасии пешакии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Ёрматзода А.Ҷ. дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин:

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Баромади Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, хулосаи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Иззатова Муҳаббат Иноятовна ва арзёбии баромадкунандагон – н.и.ф., дотсент Шералиева С.М., н.и.п. ва дотсент Бозоров Х. ба инобат гирифта шавад.
2. Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст, кори ба итмомрасидаи илмӣ ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ дониста шавад.
3. Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб баноми Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Кӯлоб, кучаи С.Сафаров, 16) барои ҳимояи такрорӣ пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи муштараки кафедраи муштараки фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 17.09.2024, №1 омода гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 21 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
н.и.п. дотсент, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Назаров Ҳ.С.

Котиб:
Номзади илмҳои педагогӣ: Дилафрӯз Р.

"Имзоҳои н.и.п., дотсент Назаров Ҳ.С. ва н.и.п. саромӯзгор Дилафрӯз Р.- ро тасдиқ мекунам"

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj